**Ба Шӯрои диссертатсионии шурои диссертатсионии 6D.КОА-63 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06–Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст.**

Автореферати диссертатсия ба таҳлили амиқи масъалаҳои марбут ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Мавзӯи интихобшуда яке аз самтҳои муҳим ва саривақтии таҳқиқотӣ ба шумор рафта, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Муаллиф дар кори худ бо такя ба маълумоти оморӣ, таҳлили вазъи кунунӣ ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолиро муайян намуда, як қатор пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили сиёсати давлат дар соҳаи дастгирии соҳибкорӣ пешниҳод намудааст. Диққати хоса ба масъалаҳои фароҳам овардани муҳити мусоид барои соҳибкории истеҳсолӣ, дастрасӣ ба сармоя ва технологияҳои нав, инчунин такмили базаи ҳуқуқии соҳа равона шудааст.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки дар шароити муосир соҳибкорӣ бояд ба шакли инноватсионии истеҳсолот мувофиқат кунад, ки дар шароити дахлдори таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ афзалиятнок шуда, шакли зарурии такрористеҳсоли ҷамъиятиро таъмин намуда, вазифаҳои умумиқтисодӣ, эҷодӣ-ҷустуҷӯйӣ (инноватсионӣ), захиравӣ, иҷтимоӣ ва ташкилиро иҷро намояд. (саҳ 17).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хулоса бароварда шудааст, ки самтҳои асосии пасткунандаи сатҳи рушди девиантии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ноил шудан ба мақсади афзоиши босуръати рушду тараққиёти саноат дар доираи саноатикунонии босуръат алоқаманд аст. (саҳ 26).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин мутобиқи методологияи таҳиянамудаи Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР), таҳлили тағйирёбии сохтори соҳаҳои саноати Тоҷикистон аз рӯйи дараҷаи технологии субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ гузаронида шудааст, ки аз нуқтаи назари илми иқтисодӣ ҷолиби диққат мебошад.

Сохтори мантиқии таҳқиқот, равиши илмии таҳлил ва хулосаҳои асоснок аз бартариҳои асосии кори мазкур ба ҳисоб мераванд. Пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд дар амалия, бахусус барои ташкилотҳои давлатӣ ва соҳибкорони ватанӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Бо дарназардошти арзиши назариявӣ ва амалӣ, инчунин сатҳи баланди илмии таҳқиқот, метавон хулоса кард, ки кори мазкур ба талаботи муосири корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷавобгӯ мебошад.

Бояд қайд кард, ки гарчанде муаллиф масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолиро ҳамаҷониба таҳлил намудааст, вале дар баъзе мавридҳо таҳлили муфассали омилҳои маҳдудкунандаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро дар минтақаҳои дурдаст кам ба назар мерасад. Муфассалтар нишон додани омилҳои маҳдудкунандаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои дурдаст ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо, метавонад арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзун намояд.

Албатта, эроди мазкур сатҳи илмии диссертатсияро паст карда наметавонанд ва хусусияти тавсиявиро доро мебошад. Умуман аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмиву назариявӣ навишта шуда, нуктаҳои асосии он барои рушди соҳибкории муосир дар кишвар басо манфиатовар мебошанд.

Диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон" дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ сазовор мебошад.

**Академик, Президенти академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х.
04.08.25

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025. ш. Душанбе. хиёбони Рудакӣ
Тел.: (+992 37) 221 50 83
E-mail: kobil_barfiev@mail.ru

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Имзои Хушвахтзода Қ.Х., тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси АМИТ Акрамзода Т.С.